Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №147 (2974) | ҶУМЪА, 30 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Мулоқот бо намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати амниятӣ Кэтрин Эштон



**29 ноябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати амниятӣ Кэтрин Эштонро ба ҳузур пазируфт.**

Дар оғози суҳбат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: «Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро аз ҷумлаи шарикони муҳими байналмилалии худ медонад ва ба таҳкими робитаҳои дарозмуддату босубот бо он ҳамеша таваҷҷуҳи хоса дорад».

Дар мулоқот маҷмуи васеи масоили ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсат, амнияти минтақавию ҷаҳонӣ, иқтисод ва тиҷорат, илму техника ва рушди ҷомеаи демократӣ баррасӣ шуд.

Аз раванди Муколамаи сиёсии минтақавӣ миёни Тройкаи Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки ҷаласаи навбатиаш чанд рӯз пеш дар Қирғизистон баргузор гардид ва мулоқотҳои мунтазами миёни сохторҳои гуногуни Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Бо зикри он, ки имрӯз Иттиҳоди Аврупо аз рӯйи нишондодҳои гардиши мутақобилаи мол дар қатори панҷ шарики аввали тиҷоратии Тоҷикистон карор дорад, густариши бештари ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ зарур дониста шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни муҳокимаи масоили вобаста ба таҳияи Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо доир ба Осиёи Марказӣ барои солҳои 2014 – 2020, аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Мо, албатта, манфиатдори қабули Стратегияи нави Иттиҳод ва дар чаҳорчӯби он ба роҳ мондани механизмҳои нави ҳамкорӣ, аз қабили «Муколама оид ба амният» ҳастем».

Таваҷҷуҳи зиёд ба авзои кунунӣ ваояндаи Афғонистон ва амалӣ намудани чораҳои муштараки амниятӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ зоҳир карда шуд. Дар ин замина татбиқи босамари лоиҳаҳои минтақавии зербиноӣ, аз ҷумла дар бахшҳои энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва рушди тиҷорат муҳим шумурда шуд.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, озодии матбуот, дину эътиқод ва дигар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Қарори Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи даъвати Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 13 декабри соли 2012 соати $9^{00}$ дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 ноябри соли 2012 №13**

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баррасии

Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

ва дигар қонунҳою санадҳои ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар дар назар дошта шудааст.

## Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**28 ноябри соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғози маҷлис ҳисоботи раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Барномаи барқарорсозии стансияи обуҳавосанҷӣ ва дидбонгоҳҳои обченкунӣ шунида шуд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини соҳа доир ба баланд бардоштани сифати корҳо, аз ҷумла тавассути омодасозии кадрҳои баландихтисос, беҳсозии таъминоти техникӣ ва густариши ҳамкорӣ бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон супоришҳои мушаххас дод.

Як зумра барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд, аз ҷумла Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019, Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон, Барномаи ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2016, Барномаи мониторинги муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017, Барномаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси воситаҳои ахбори омма барои солҳои 2013-2017 ва Барномаи рушди неру ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020.

Дар бораи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» ва татбиқи Накшаи генералии шаҳри Ваҳдат директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш дод.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон доир ба риояи талаботи қонунгузории соҳа, пешгирӣ аз сохтмонҳои ғайриқонунӣ ва ободу зебо намудани шаҳри Ваҳдат ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» ва «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» маъқул дониста, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои таъсиси Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «CNBM-TALCO Cement Co.,Ltd» қабул карда шуд. Тибқи он, дар ноҳияи Шаҳритус аз ҷониби КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ва бузургтарин ширкати сементбарории Ҷумҳурии Мардумии Чин CNBM бо харҷи беш аз 600 миллион доллари амрикоӣ як корхонаи муштараки тавлиди семент бунёд меёбад. Иқтидори солонаи корхона 3 миллион тонна навъҳои гуногуни семент мебошад. Замони пурра ба кор даромадани корхона дар он 5 ҳазор нафар соҳиби ҷойи кор ва маоши хуб хоҳанд шуд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба вусъати корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеъ, дар сатҳи баланд ба роҳ мондани зимистонгузаронӣ, хусусан дар муассисаҳои таълимиву тандурустӣ, пешгирӣ аз ҳодисаҳои сӯхтор ва ҳамчунин то 15-уми декабр ба анҷом расонидани киштукори тирамоҳӣ супоришҳои мушаххас дод.

*www.prezident.tj*

● Равобити байнипарламентӣ

## Барои зистан ҳамзистӣ мебояд

**Гузориш аз ҷараёни сафари ҳайати парламентии Тоҷикистон ба шаҳри Санкт - Петербург**



**Рӯзи 21 ноябри соли 2012 ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буданд, таҳти сарварии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷиҳати иштирок дар кори ҷаласаи навбатии Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иҷлосияи умумии 38-уми ин созмон, ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё, ҷаласаи Ассамблеяи байнипарлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Олами Чингиз Айтматов: ҳамгиройӣ ва гуфтугӯйи тамаддунҳо» ва кушодашавии намоишгоҳ бахшида ба осори Чингиз Айтматов ва ҳамоиши илмии АврОсиёӣ дар мавзӯи « Якпорчагии иқтисодии АврОсиё: ташаккул ва рушд» ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафар карданд.**

22 ноябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар доираи ин сафар бо Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Сергей Наришкин мулоқот намуд.

Муҳимтарин мавзуъҳои гуфтугӯйи байни роҳбарони парлумонҳои ду кишвар баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои дуҷонибаи Душанбе ва Москва дар ҳамаи самтҳо, бахусус ҳамкориҳои парлумонӣ, муносиботи дуҷониба дар чаҳорчӯбаи созмонҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ ба шумор мерафт.

Шукурҷон Зуҳуров тавсеаи ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Маҷлиси намояндагон бо парлумонҳои кишварҳои мутараққии ҷаҳон, аз ҷумла Федератсияи Россияро яке аз муваффақиятҳои парлумони касбии мамлакати мо дар миқёси байналмилалӣ арзёбӣ намуда, ҳамзамон таъкид дошт, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти худ таҳкими ҳамкориҳоро бо Федератсияи Россия дар тамоми соҳаҳо меҳвари асосӣ қарор дода, дар оянда низ ният дорад, ки ин иқдомро идома диҳад.

Зикр гардид, ки робитаи байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия аз муносибати хуби сарони ҳар ду давлати дӯст сарчашма мегирад. Боздидҳои Президентҳои Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва сафари намояндагони расмии сатҳи олии ду кишвар ба мамлакатҳои якдигар барои боз ҳам густариш ёфтани ҳамкориҳои дуҷониба дар тамоми арсаҳо заминаҳои мусоид фароҳам овардаанд.

- Ташрифи охирини Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба ҷумҳурии мо, ки дар ҳошияи он як идда созишнома ва санадҳои муҳими ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногун ба имзо расиданд, ба раванди таҳкими муносиботи байниҳамдигарии кишварҳоямон такони тоза бахшид, - гуфт Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров.

**(Идома дар саҳ. 3)**

● Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

## Барномаи давлатии қарзгирии беруна барои солҳои 2013-2015 тасдиқ шуд



**28 ноябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ бо фарогирии масъалаҳои зерин тасдиқ карда шуд:

**1. Дар бораи лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид».**

**РАИС:**- Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шуруъ менамоем. Дар бораи лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуралиев Ҷамолиддин Камолиддинович дода мешавад.

**Ҷамолиддин НУРАЛИЕВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони Маҷлиси намояндагон!**



Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода, афзалиятҳои стратегии ҷумҳуриро дар амал татбиқ менамояд. Бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявии ҷумҳурӣ ва Буҷети давлатӣ барои маблағгузории соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ҳамасола Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мегардад.

Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» ва «Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014» таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод гардидааст.

Мақсади асосии Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ин, пеш аз ҳама баланд бардоштани самаранокии идора ва назорат дар самти ҷалби қарзҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳ надодан ба андухти назоратнашавандаи қарзҳои беруна буда, барои ҳадафҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла раҳойӣ намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона гардидааст.

Барномаи мазкур 41 лоиҳаи қарзии амалкунанда ва 29 созишномаи қарзии дар сатҳи лоиҳавӣ қарордоштаро дар бар гирифта, арзиши умумии онҳо 1576,14 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки он дар Буҷети давлатии миёнамуҳлати солҳои 2013-2015, ки аз ҷониби шумо, муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул гардида буд, пурра ба инобат гирифта шудааст.

Дар давраи миёнамуҳлат азхудкунии маблағҳои қарзӣ дар ҳаҷми 557,3 млн. доллари ИМА пешбинӣ гардидааст, ки ин 39,8 фоизи ҳаҷми умумии лоиҳаҳои муштараки инвеститсиониро ташкил медиҳад, аз ҷумла: то охири соли 2012-ум 95,89 млн. доллари ИМА (1,3 фоиз нисбати ММД); дар соли 2013 – ум 187,87 млн. доллари ИМА (2,2 фоиз нисбати ММД); дар соли 2014-ум 145,82 млн. доллари ИМА (1,5 фоиз нисбати ММД); дар соли 2015 –ум 127,70 млн. доллари ИМА (1,2 фоиз нисбати ММД) дар назар дошта шудааст. Ҷалби маблағҳои қарзӣ дар асоси Стратегияи баландбардории некуаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди институтҳои молиявии Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Фонди Саудии Рушд, Фонди Кувайтии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Содироту Воридоти Хитой ва Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ амалӣ мегарданд.

Барномаи қарзгирии беруна барои рушди соҳаҳои зерини иқтисодиёт равона мешавад:

-соҳаи кишоварзӣ 6 лоиҳаи амалкунанда ва 3 лоиҳаи нави қарзӣ дар ҳаҷми 106,6 млн. доллари ИМА ё 6,8 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбшаванда;

-соҳаи тандурустӣ 3 лоиҳаи амалкунанда ва 1 лоиҳаи нави қарзӣ дар ҳаҷми 36,7 млн. доллари ИМА ё 2,3 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбшаванда;

-соҳаи маориф 3 лоиҳаи амалкунанда дар ҳаҷми 43,4 млн. доллари ИМА ё 2,8 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбшаванда;

-соҳаи энергетика 9 лоиҳаи амалкунанда ва 8 лоиҳаи нави қарзӣ дар ҳаҷми 403,3 млн. доллари ИМА ё 25,6 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбшаванда;

**(Идома дар саҳ. 2)**

(Идома аз саҳ. 1)

-соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 15 лоиҳаи амалкунанда ва 7 лоиҳаи нави қарзӣ дар ҳаҷми 861,56 млн. доллари ИМА ё 54,7 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбшаванда;

-соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ 5 лоиҳаи амалкунанда ва 9 лоиҳаи нави қарзӣ дар ҳаҷми 79,6 млн. доллари ИМА ё 5,1 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбшаванда;

-дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар 1 лоиҳаи қарзӣ барои қарздиҳии хурд дар ҳаҷми 45,0 млн. доллари ИМА ё 2,9 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ҷалбшавандаро ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки татбиқи 35 лоиҳаи амалкунанда барои беҳтар намудани соҳаҳои инфрасохторӣ (кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика, хоҷагии манзилию коммуналӣ) нигаронида шудааст, ки дар оянда имконияти баргардонидани қарзҳо аз ҳисоби даромадҳои ин соҳаҳо амалӣ мегардад.

Ҳамаи қарзҳои дар Барнома дарҷгардида имтиёзнок буда, барои давраи дарозмуддат аз 20 то 40 сол дода мешаванд, меъёри фоизҳо аз 0,15 фоиз то 2,0 фоизи солонаро ташкил дода, давраҳои имтиёзнок аз рӯйи баргардонидани қарзҳои асосӣ аз 3 то 20 солро дар бар мегиранд ва ҳамаи онҳо дорои зиёда аз 35 фоизи элементи грантӣ мебошанд.

Дар доираи ҷалби қарзҳои имтиёзнок инчунин ҷалб намудани маблағҳои грантӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки мақсади асосӣ дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мебошад. Дар маҷмуъ, барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ ҷалби маблағҳои грантӣ дар давраи миёнамуҳлат 624,8 млн. доллари ИМА, ки ба 54,0 фоизи ҳаҷми умумии лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ баробар аст, ташкил медиҳад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самаранок ва мақсаднок истифода бурдани қарзҳои ҷалбшаванда барои боз ҳам вусъат бахшидани рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёт чораҳои зарурӣ меандешад ва ин дар оянда ба ғанӣ гардонидани Буҷети давлатӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва устувор нигоҳ доштани иқтисодиёти давлат, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ- иҷтимоии некуаҳволии халқ мусоидат хоҳад кард.

Ҳангоми бомуваффақият татбиқ намудани лоиҳаҳои зикргардида, бо дастгирии бевоситаи шумо, муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, таъмини рушди воқеии иқтисодиёт баланд гардида, муътадилии вазъи макроиқтисодӣ беҳтар мешавад ва барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола мусоидат менамояд.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 -ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Талбаков Исмоил Иброҳимович дода мешавад.



**Исмоил ТАЛБАКОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 ноябри соли 2012 таҳти № 605 пешниҳод гардидааст.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ноябри соли 2012 таҳти №1537 лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2013-2015 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи Ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса додан фиристода буд.

Бояд тазаккур дод, ки ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ мутобиқ ба банди 4 моддаи 57 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Барномаи мазкур, тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад», дар мувофиқа ба Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ду соли оянда таҳия шудааст ва барои амалӣ намудани сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноилшавӣ ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола нигаронида шудааст.

Муътадил гардидани иқтисодиёти мамлакат ба беҳтаршавии вазъи қарзӣ дар кишвар мусоидат намуд ва дар нимсолаи якуми соли 2012 маблағи умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 127,36 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ 29,7 фоизро ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки вазни қиёсии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Барномаи мазкур ба андозаи 29,7 фоиз нисбат ба Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ муайян шуда, беҳтарин нишондиҳанда дар тамоми давраи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи самаранок истифодабарии қарзҳои гирифташуда ва амалӣ намудани барномаҳои мақсаднок дар рушди воқеии иқтисоди миллӣ ба паст гардидани вазни қиёсии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ асоси воқеӣ гузошт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазни қиёсии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2015 нисбати солҳои аввали соҳибистиқлолӣ зиёда аз чор баробар коҳиш ёфта, нуфузи кишвари моро дар байни институтҳои байналмилалии молиявию қарзӣ баланд хоҳад бардошт.

Ташкили фонди устуворкунӣ тайи солҳои охир барои беҳтар намудани хизматрасониҳои қарзҳои беруна мусоидат намуд. Ин нишондиҳандаҳо аз он далолат менамоянд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати қарзии беруна ба натиҷаҳои нек муваффақ шуда истодааст. Ин вазъият дар ҳолатест, ки аксари кишварҳои абарқудрати дунё, бахусус Амрикову Иттиҳоди Аврупоро, ки қарзи берунаи онҳо нисбат ба Маҷмуи Маҳсулоти Дохилиашон аз 110 то 130 фоиз расидааст ва дар ҳолати муфлисшавӣ (дефолт) қарор доранд, ба ташвиши ҷиддӣ овардааст.

Қарзгиранда аз рӯйи кредитҳои мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, вале дар асл хизматрасонӣ ва баргардонидани маблағи асосии қарзҳоро субъектҳои хоҷагидори ҷумҳурӣ амалӣ мегардонанд. Ин имконият фароҳам меорад, ки субъектҳои хоҷагидори ҷумҳурӣ маблағҳои қарзиро самаранок истифода баранд, масъулияти ҷиддиро дар ҳолати баргардонии он ҳис намоянд ва сарбории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба хизматрасонӣ ва баргардонидани маблағи асосӣ сабук намоянд.

Ҳаминро бояд зикр кард, ки агар солҳои пешин аксарияти Барномаҳои қарзгирии берунаи тасдиқшуда хусусияти истеъмолӣ дошта бошанд, Барномаи мазкур характери истеҳсолӣ ва рушди иқтисодиро дар бар мегирад. Яъне, 60 фоизи қарзҳои ҷалбшаванда ба рушди бахшҳои иқтисодиёти воқеӣ ва 24,3 фоизи он барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва манзилию коммуналӣ равона шудааст, ки он метавонад дар оянда ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади Буҷети давлатӣ мусоидат намояд.

Дар баробари ҷалби маблағҳои қарзӣ, инчунин маблағгузории бахшҳои иқтисодиёти кишвар аз ҳисоби грантҳо ба нақша гирифта шудааст, ки давоми солҳои 2013-2015 ҳаҷми онҳо 624,8 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимияти масъаларо дар рушди иқтисоди миллӣ дарк намуда, лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2015-ро дастгирӣ карданд. Шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он хулосаи ҳуқуқӣ додааст.

Барномаи мазкур ба Конститутсияи(Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои амалкунанда мухолифат надошта, ҷавобгӯйи меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, хоҳиш менамоям, ки Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2015-ро дастгирӣ намоед.

**Сӯҳроб ШАРИПОВ:**- Он қарзҳои берунае, ки наздик ба 30 фоизи Маҷмуи Маҳсулоти Дохилии кишвар баробар шудааст, ба стратегияи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ хеле мутобиқ мебошад. Солҳои охир Хазинаи Байналмилалии Асъор оид ба стратегияи қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгӯйӣ карда буд. Дар мавриди пешгӯйиҳои ин созмони байналмилалӣ доир ба хатар, нигарониҳо ва таҳдидҳо, ки аз стратегияи қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, назари шуморо донистан мехоҳам.

**Ҷамолиддин НУРАЛИЕВ:**- Он механизмҳое, ки Хазинаи Байналмилалии Асъор истифода мебарад, барои хатарнокии ҷиддии қарз нисбати ҳассоснокии иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбанд. Яъне, ба хотири нишон додани дурнамо, ки то кадом дараҷа иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё кишварҳои рӯй ба тараққӣ ба хатарҳои молиявӣ, бӯҳрони иқтисодӣ ва дигар омилҳо гирифтор мешаванд.

Мо ҳоло стратегияи нисбатан наву мукаммал оид ба ҳимояи қарзи давлатиро таҳия ва омода карда истодаем.

**Низом ҚОСИМ:**- Тарзе аз суханрониҳо маълум гардид, кафили ин қарзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, лекин маблағро худи субъектҳои истифодабарандаи қарзҳо медиҳанд. Оё ин субъектҳо ба баргардондани қарзҳо қодиранд?

**Ҷамолиддин НУРАЛИЕВ:**- Феълан ҳастанд субъектҳои хоҷагидоре, ки бе мушкилӣ уҳдадориҳои худро иҷро менамоянд.

Баъзан ҳолатҳо ҳастанд, ки дар бозпас гардондани қарзҳо мушкилот пеш меоянд. Яъне, на ҳама субъектҳои хоҷагидор аз иҷрои уҳдадориҳои худ пурра баромада метавонанд, аммо бо чунин субъектҳои хоҷагидор Вазорати молия шартномаи дутарафа мебандад ва бо истифода аз механизмҳои иловагӣ маблағ баргардонида мешавад. Дуруст аст, ки дар ин самт мушкилиҳо ҷой доранд.

*Аз рӯйи ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» сухан ба раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Нусратулло Муқимович дода мешавад.

**Нусратулло ДАВЛАТОВ: - Муҳтарам Раис, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо мақсади аз байн бурдани мухолифат байни қонунҳо, яъне мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо



муқаррароти Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 6 «Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012 таҳти №96 тасдиқ шудааст, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон З.Раҷабова ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳа аз ду тағйирот иборат буда, такмилдиҳии муқаррароти се моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»-ро пешбинӣ менамояд:

1. Аз ҷумла бо мақсади мутобиқ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба талаботи Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар лоиҳа пешниҳод шудааст, ки аз сарҳати якуми моддаи 3, банди 8) қисми 3 моддаи 4 ва банди 1) қисми 2 моддаи 6 калимаи «апеллятсионӣ,» хориҷ карда шавад.

Зеро, бо назардошти мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 июли соли 2012, баррасии муроҷиати субъектҳои хоҷагидорӣ тариқи зинаи (инстансияи) апеллятсионӣ аз Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шудааст, аммо пардохти боҷи давлатӣ барои баррасии ариза дар зинаи апеллятсионӣ то ҳол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи



давлатӣ» боқӣ мондааст.

2. Аз банди 5) қисми 5 моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» талабот оид ба пардохти боҷи давлатӣ барои пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳрист ё додани маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳар як субъект – ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо хориҷ карда шуда, ин муқаррарот дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» пешбинӣ гардида, пардохти маблағи ин ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ҳисоби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирӣ равона шудааст.

Тағйироти мазкур бо мақсади таъмини пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, беҳтар намудани шаклҳои варақаи Иқтибос ва Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, такмили барномаи махсуси компютерии таъминкунандаи бақайдгирии давлатӣ ва нигоҳубини махзани коғазӣ ва электронии (бойгонии) Феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Барои омода намудани шакли нави варақаи Иқтибос ва Шаҳодатнома, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани сифат, намуд ва шакли нави инҳо, инчунин барои таъмини талаботи дар боло зикргардида маблағ зарур аст.

Инчунин талабот оид ба пардохти маблағ ба ҳисоби мақомоти бақайдгиранда дар Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ» аз 22 апрели соли 2003 таҳти №5 пешбинӣ гардида буд.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, муҳтарам вакилон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки барои риояву татбиқи якхелаи қонунгузории амалкунанда, ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани шаклҳои нави варақаҳои Шаҳодатнома ва Иқтибос, таъмини пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани барномаҳои махсуси компютерии таъминкунандаи бақайдгирии давлатӣ тағйироти пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ҷабборов Домуллоҷон Хоҷаевич дода мешавад.

**Домуллоҷон ҶАББОРОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон З.Раҷабова ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, бо қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 2012 таҳти №1414 ва аз 12 ноябри соли 2012 таҳти № 1535 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаҳои қонунҳои мазкур муттаҳид ва ҳамчун лоиҳаи ягонаи қонун пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда бо мақсади аз байн бурдани мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, яъне бо ҳам мутобиқгардонии меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бобати хориҷ намудани талабот оид ба пардохти боҷи давлатӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Дар лоиҳаи қонуни зикргар-



дида пешниҳод мешавад, ки аз сарҳати якуми моддаи 3, банди 8) қисми 3 моддаи 4 ва банди 1) қисми 2 моддаи 6 калимаи «апеллятсионӣ,» ва банди 5) қисми 5 моддаи 4 хориҷ карда, бандҳои 6) ва 7) мувофиқан бандҳои 5) ва 6) ҳисобида шаванд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ карда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» сухан ба раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Нусратулло Муқимович дода мешавад.

**Нусратулло ДАВЛАТОВ: - Муҳтарам Раис, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бо мақсади иҷрои банди 6 «Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012 таҳти №96 тасдиқ шудааст, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Мақсади асосии пешниҳоди лоиҳаи мазкур такмил додани тартиби амалкунандаи бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Тағйироти пешниҳодшуда, бо назардошти таҷрибаи зиёда аз сесолаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 таҳти №508, инчунин таҷрибаи давлатҳои дигар таҳия шудаанд.

Аз ҷумла дар лоиҳаи қонун пешбинӣ мешавад, ки барои аз байн бурдани нофаҳмиҳо ҳангоми гузаронидани амали бақайдгирии давлатӣ, ба қисми 3 моддаи 1-уми Қонун калимаҳои «ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо» илова карда шавад.

Ворид намудани тағйироти мазкур аз таҳлили маълумотҳои Феҳристи ягонаи давлатӣ бар омада, бо мақсади аниқ намудани муроҷиат ва бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии давлатҳои хориҷӣ, қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо, мушаххас намудани тобеъияти идоравии мақомоти бақайдгирии давлатӣ (аз ҷумла Кумитаи андоз, Вазорати адлия ва Кумитаи дин), ки онҳо низ салоҳияти бақайдгирии давлатӣ доранд, равона шудааст.

Чунки ҳангоми санҷиши дурустии бақайдгирии давлатӣ аз рӯйи маълумотҳои Феҳристи ягонаи давлатӣ, аз тарафи бахшҳои бақайдгирии мақомоти андоз дар маҳалҳо ҳолатҳои зиёди ба қайди давлатӣ гирифта шудани шахсони ҳуқуқие ошкор шудаанд, ки онҳо, бо назардошти тобеияти идоравӣ ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» бояд аслан дар мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешуданд.

Ба моддаи 4-уми қонун илова намудани қисми 10, пеш аз ҳама баҳри бартараф намудани нофаҳмиҳо ҳангоми гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатӣ, ҳамоҳангсозии муносибатҳо байни мақомоти давлатӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои баромадан аз ҳадди тобеияти идоравӣ, пешгирӣ намудани ҳолатҳои бақайдгирии ғайриқонунӣ, мукаммал нигоҳ доштани маълумотҳои Феҳристи ягонаи давлатӣ равона шуда, ба ҳадди имкон тартиб ва қоидаҳои расмиёти ҳар як амали бақайдгирии давлатиро возеҳу равшантар менамояд.

Тағйиру иловаҳо оид ба пардохти маблағ ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» хориҷ ва ин талабот дар моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ҷойгир карда шудааст.

Илова намудани банди 9) ба моддаи 11-уми қонун бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намудани маълумотҳои бардурӯғ оид ба маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда пешниҳод карда шудааст.

Пешниҳоди тағйирот ба қисми 3 моддаи 25 ва банди 4) қисми 4 моддаи 27-уми қонун бо мақсади пешгирии ҳолатҳои пинҳон намудани маблағҳои андоз ва уҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидорӣ дар назди Буҷети давлатӣ пешниҳод ва баҳри мутобиқгардонии меъёрҳои он ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав равона шудааст.

Тағйироти ба моддаи 34-уми қонун пешниҳодшаванда бо мақсади ба қайди давлатӣ нагирифтани фаъолияти субъектҳое, ки талаботи қонунгузориро иҷро намекунанд ё ин ки нопурра ва нодуруст иҷро мекунанд (андозсупорандагони бемасъулият) равона карда шуда, шаҳрвандонро водор месозад, ки ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ барои ба расмият даровардани фаъолияти соҳибкории худ муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳуриро пурра риоя намоянд.

Дигар тағйироти лоиҳаи қонуни мазкур дорои хусусияти таҳрирӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, лоиҳаи қонуни мазкур муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»-ро мукаммал ва шаффофтар менамояд.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, ҷиҳати такмили тартиби бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Гулов Сафаралӣ дода мешавад.

**Сафаралӣ ГУЛОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 ноябри соли 2012 таҳти № 612 барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ноябри соли 2012 таҳти № 1536 лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида буд.



Лоиҳаи қонуни зикргардида бо мақсади мукаммал ва пурра намудани тартиби барасмиятдарории оғози фаъолияти соҳибкорӣ, азнавташкилдиҳӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ва бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии (қатъи) фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст.

Лоиҳаи қонун аз 7 тағйирот иборат буда, такмилдиҳии муқаррароти 7 моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»-ро пешбинӣ менамояд.

Мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур аз такмили тартиби амалкунандаи бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ иборат буда, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва баланд бардоштани нуфузи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба масъалаи «Оғози фаъолияти соҳибкорӣ» пешбинӣ менамояд. Пешниҳоди тағйирот ба қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани талаботи меъёрҳои он ба талаботи меъёрҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав равона гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкурро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ ҷонибдорӣ карда, ҳамзамон 14 таклифу дархост пешниҳод намуданд.

Дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 20 ноябри соли 2012 бо иштироки намоядагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодоти мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамаи таклифу дархости воридшуда пурра ҷонибдорӣ ёфтанд. Пешниҳодоти қабулшуда, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси намояндагон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров, муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Н.А.Ғафорова қисми 1-уми лоиҳа, сарҳатҳои якум ва дуюми қисми 3 аз нав таҳрир карда ва ба қисми 7 сарҳати нав илова карда шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Холов Саттор дода мешавад.

**Саттор ХОЛОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони арҷманд!**



Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хисрав Абдуназаров ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саттор Холов пешниҳод шудааст, манзур мешавад.

Солҳои зиёд институти санксия мутааллиқ ба фаъолияти мақомоти прокуратура буда, он бо инкишофи босуръати ҳаёти ҷамъиятӣ ва равандҳои ҷаҳонишавию демократӣ мансуби мақомоти судӣ гардонида шуд, ки адолати судиро амалӣ мекунад ва ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо вобаста ба ин масъала ворид гардид.

Сарфи назар аз тағйиру иловаҳои воридшуда, дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири институти санксияи прокурорӣ боқӣ мондааст. Барои мисол, дар қисми 4 моддаи 47 Кодекси мазкур чунин омадааст: «Маҳкумшудае, ки аз маҳали истиқоматӣ пинҳон шуда, ҷойи исти ӯ маълум намебошад, нисбаташ кофтуков эълон карда шуда, мумкин аст бо санксияи прокурор ба муҳлати то сӣ шабонарӯз дастгир карда шавад.». Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо дар қисми 4 моддаи 47, қисми 2 моддаи 49 ва қисми 6 моддаи 58, ки тибқи он калимаҳои «бо санксияи прокурор» ба калимаҳои «бо розигии прокурор ва қарори суд», инчунин калимаҳои «иҷозати суд» ба калимаҳои «қарори суд» иваз карда мешаванд, мухолифати ҷойдошта аз байн хоҳад рафт.

Бинобар асосҳои зикршуда, ҷонибдорӣ намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зиёратшо Саъдулло дода мешавад.



**Зиёратшо САЪДУЛЛО: -Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.Абдуназаров ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Холов бо мақсади аз байн бурдани мухолифати дохилии Кодекси амалкунанда, мушаххас намудани ваколатҳои прокурор ва суд дар мавриди татбиқ намудани чора нисбати шахсоне, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардан аз озодӣ вайрон кардаанд, инчунин такмили қонунгузорӣ таҳия гардидааст, пешниҳод мегардад.

(Идома дар саҳ. 2)

# Барномаи давлатии қарзгирии беруна барои солҳои 2013-2015 тасдиқ шуд

(Идома аз саҳ. 1, 2)

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1478 аз 15 октябри соли 2012 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Ҳамзамон ҷиҳати такмилёбии лоиҳа ба он 11 таклиф пешниҳод карда шуд.

Кумитаи масъул рӯзи 21 ноябри соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеъ гузаронида, таклифҳои пешниҳодгардидаро баррасӣ намуд, ки онҳо қабул ва қисман қобили қабул дониста шуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш мешавад, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Исматуллоев Дилшод Абдуғаффорович дода мешавад.



**Дилшод ИСМАТУЛЛОЕВ: - Мухтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Барои ҳар як давлат ва халқу миллат рӯзҳои фаромӯшнашаванда ва таърихие вуҷуд доранд, ки онҳо ҳамчун рӯзҳои тақдирсоз сабт шуда, мардумро ба якдилӣ, ҳамбастагӣ, инкишоф, ташаккулёбӣ, равнақи илму маориф ва фарҳанг даъват намуда, дар тамоми қаламрави кишвар ботантана қайд карда мешаванд.

Истиқлолият ҳамчун гавҳари бебаҳо барои мардуми Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки ҷашни рӯзҳои фархунда ва азизу муқаддас дар фазои озодӣ, бо ҳусну таровати тоза таҷлил гарданд. Шаҳрвандон ва кормандони соҳаҳои гуногун аз тантанаҳои идона рӯҳбаланд шуда, бештар саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки боз ҳам хуб ва пурсамар меҳнат намуда, баҳри мустаҳкам гардидани пояи давлати озоду соҳибистиқлоли хеш камари ҳиммат банданд.

Ҷашни рӯзҳои касбии кормандон нишонаи он аст, ки дар Ватани азизамон ҳар касбу кор, ихтисос, соҳа ва кормандон аз ҷониби роҳбарияти давлат ва шаҳрвандон ҳамчун арзиши олӣ дониста, қадрдонӣ мешаванд.

Яке аз соҳаҳои афзалиятноку муҳими ҷомеа - соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба шумор меравад. Тавре ба ҳамагон маълум аст, аз фаъолияти пурсамари кормандони ин соҳа иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат вобастагии калон доранд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 зикр карданд: «Ба шарофати пуштибонии самимона ва заҳмати софдилонаи мардуми кишвар ба Ҳукумати мамлакат муяссар шуд, ки аз соли 2000-ум инҷониб доир ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар доираи барномаву стратегияҳои милливу соҳавӣ пайваста чораҷӯӣ намояд».

Дар таърихи навини кормандони мақомоти меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ рӯзи 25 январ ҳамчун рӯзи фаромӯшнашаванда сабт шудааст, зеро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо Фармони хеш таҳти №457 аз 25 январи соли 2001 «Дар бораи таъсиси Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолияти мақоми нави соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро оғоз бахшид.

Ин ҳуҷҷати таърихӣ ва заҳмати софдилонаи кормандони мақомоти меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии мамлакатро баҳри татбиқи барномаҳои давлатӣ ба инобат гирифта, ба баррасии шумо, вакилони мухтарам, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, пешниҳод мешавад.



Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур муайян ва бидуни рӯзи истироҳат таҷлил намудани Рӯзи иди касбии кормандони мақомоти меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, ки он яке аз соҳаҳои муҳим ва асосӣ мебошад, ба шумор меравад.

Мувофиқи моддаи 1 лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011 сархати сеюм бо мазмуни зайл илова карда мешавад:

«-Рӯзи кормандони соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 25 январ; ».

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1534 аз 12 ноябри соли 2012 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Ҳамзамон барои такмил додани лоиҳаи қонуни мазкур як таклиф аз ҷониби Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон пешниҳод шуд, ки он қабул ва ба лоиҳа ворид карда шуд.

Кумитаи масъул рӯзи 21 ноябри соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеъ гузаронид ва лоиҳаи қонун пурра дастгирӣ ёфт.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Аз шумо, вакилони мухтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# Барои зистан ҳамзистӣ мебояд

(Идома аз саҳ. 1)

Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Сергей Наришкин низ ба сатҳи ҳамкориҳои кишвараш бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла муносиботи байнипарлумонӣ, баҳои баланд дода, ҳамзамон ба тақвияти бештари ин муносибот таъкид кард. -Байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвияти робитаҳо дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла густариши ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, ҳеҷ гуна монеае вуҷуд надорад ва мо бояд аз ин имкониятҳои мавҷуда таври кофӣ ва ба манфиати халқу миллати хеш самаранок истифода намоем,- гуфт ӯ.

Сергей Наришкин ба сатҳу сифати қонуну санадҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои баланд дода, ҳамзамон таъкид кард, ки парлумони кишвари шумо, қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мутобиқ ба сатҳи ҷаҳонӣ таҳия ва қабул кардааст ва ин, бешак, аз баланд будани сатҳи дониш ва маҳорати қонунофарии вакилони парлумони Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Мавсуф изҳор намуд, ки Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия алоқаманди идомаи ҳамкориҳои тарафайн бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, хостори таҳкими беш аз пеши муносибот бо ин мақоми олии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар анҷоми мулоқот Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров аз Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Сергей Наришкин даъват намуд, ки дар вақти бароияш муносиб аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан намояд. Ин даъват бо самимият пазируфта шуд.

Худи ҳамон рӯз дар қароргоҳи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аъзои Маҷлиси миллӣ Қаҳҳор Маҳкамов ва Мамадшо Илолов, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон Маҳмадалӣ Ватанов, Марҳабо Ҷабборова, Саиди Ёқубзод, вакилон Саттор Холов, Исмоил Талбаков, Саодат Амиршоева, Суҳроб Шарипов дар ҷаласаҳои нақшавии комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонӣ роҷеъ ба Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба масъалаҳои фарҳанг, иттилоот, сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, сиёсати аграрӣ, захираҳои табиӣ ва экологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсати хориҷӣ фаъолона ширкат варзида, фикру андешаҳои хешро нисбат ба мавзуъҳои дар ин чорабиниҳо баррасишуда иброз намуданд.

Вакилони Маҷлиси намояндагон дар баробари дигар вакилони парламентҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бештар масъалаҳоеро муҳокима намуданд, ки онҳо ба масъалаҳои ҷустуҷӯйи роҳҳои вусъат бахшидан ба раванди ҳамгироии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар байни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мутааллиқ буданд.

Дар ҷаласаи кории Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ оид ба масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки вакили Маҷлиси намояндагон Исмоил Талбаков муовини раиси ин комиссия аст, зиёда аз даҳ масъалаи мубрами рӯз мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла масъалаҳо оид ба «Рафти иҷрои Барномаи фаъолияти Ассамблеяи байнипарлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ оид ба наздиксозӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои ин созмон барои солҳои 2011-2015», «Дар бораи ҷамъбасти Иҷлосияи моҳи майи соли 2012-и Шӯрои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва рафти иҷрои ба тасвиб расонидани шартномаҳои байналмилалии басташуда дар доираи ин созмон» ва «Дар бораи таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдароварандаи фаъолияти Ассамблеяи байнипарлумонии созмони мазкур ва тасдиқи нақшаи корӣ барои соли 2013» фаъолона муҳокима шуданд.

Дар ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ вакили Маҷлиси намояндагон Саодат Амиршоева ширкат варзида, перомуни чор масъалаи кории рӯзнома фикрҳои ҷолиб пешниҳод намуд, ки аз ҷониби комиссияи мазкур самимона пазируфта шуданд. Аз ҷумла масъала «Оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ, таҳияи қонунҳои моделии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», ки бо меҳнати дастаҷамъонаи аъзои комиссияи мазкур омода шуда буд, боиси баҳсу мунозираи доманадори иштирокчиёни ҷаласа гардид.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Саиди Ёқубзод дар ҷаласаи Комиссияи сиёсати аграрӣ, захираҳои табиӣ ва экологияи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки рӯзҳои 22 ва 23 ноябр баргузор гардид, иштирок намуд.






Ба рӯзномаи ҷаласаи комиссияи мазкур 14 масъала ворид шуда буд. Аз ҷумла масъалаи «Оқилона истифода бурдани захираҳои обӣ дар дарёҳои сарҳадӣ» яке аз мавзуъҳое буд, ки таваҷҷуҳи махсуси иштирокдоронро ба худ ҷалб кард. Саиди Ёқубзод роҷеъ ба ин масъала дар назди иштирокчиёни ҷаласа баромад намуда, ҷиддӣ будани онро таъкид кард.

Дар ҷаласа якчанд лоиҳаҳои қонунҳои дигар вобаста ба экология ва соҳаи кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Рӯзи 22 ноябр раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова, ки ба тозагӣ муовини раиси Комиссияи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба илм ва маориф интихоб гардида буд, дар ҷаласаи комиссияи мазкур, ки дар он як қатор масъалаҳо, аз ҷумла «Лоиҳаи Кодекси инноватсионии намунавӣ барои давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми умумии Кодекси маорифи моделӣ барои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Оид ба лоиҳаи қонуни намунавӣ дар бораи паркҳои илмӣ», «Дар бораи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ», «Оид ба лоиҳаи тавсияҳо вобаста ба ҳамгироии қонунгузории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи таҳсили шахсони имкониятҳои маҳдуддошта», «Оид ба таҳияи лоиҳаи тавсияҳо вобаста ба таҳсилу бозомӯзии шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Дар бораи истифодабарии қонунҳои намунавӣ» баррасӣ гардиданд, иштирок ва суханронӣ намуд.

22 ноябр ҳамчунин Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров ва ҳамроҳони ӯ дар ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои «Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё» иштирок намуданд.

Иштирокчиёни ҷаласаи мазкур дар ин нишаст 12 масъаларо муҳокима намуданд, ки ҳадафи аксари онҳо баҳамназдиккунии санадҳои қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё буданд. Аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои муҳокимашуда Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои «Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё» қарорҳои дахлдор қабул намуд.

Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров рӯзи 22 ноябр дар нишасти муштараки Шӯрои Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, ки бо иштироки дабирони Шӯрои амнияти кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ оғоз гардид, ширкат варзид.

Ҷаласаро Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, Раиси Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ Сергей Наришкин ифтитоҳ намуда, изҳор дошт, ки бори аввал ҷаласаи ин созмон бо иштироки котибони Шӯрои амнияти давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ баргузор мегардад.

Дар ҷаласа 14 масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт. Оид ба масъалаи аввали рӯзнома – «Ҳамкории Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ бо котибони Шӯрои амният дар ҳалли вазифаҳои таъмини амнияти дастаҷамъии давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ» маърӯзаи Котиби генералии созмони мазкур Николай Бордюжа шунида шуд. Сипас, аз рӯйи масъалаи мазкур дар назди ҳозирин Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров суханронӣ намуда, иброз дошт, ки густариши созмони мазкур мустақиман аз ҳиссагузории ҳар як давлати узви он ва мустаҳкам намудани муносибатҳои иттифоқӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити имрӯза имкониятҳои наве муҳайё шуда истодааст, ки дар ин робита тибқи Оинномаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ Ассамблеяи парлумонӣ мақоми Созмони Ҳамкории Байнипарлумониро гирифтааст. Мутобиқсозии қонунгузории давлатҳои иштирокчии СААД оид ба масъалаҳои мудофиа, амният, муқовимат бар зидди терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар таҳдидҳо ба амният аз шартҳои муҳиме мебошанд, ки самаранокии корро дар ин самт таъмин менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз амалҳои бар хилофи санадҳои байналмилалии эътирофшуда, кӯшиши ба таври зӯрӣ дахолат намудан ба кишварҳое, ки дар ҳолати буҳронӣ қарор гирифтаанд, ташвиши ҷиддиеро ба миён овардааст.

Роҷеъ ба вазъи Афғонистон Шукурҷон Зуҳуров ибрози андеша намуда, гуфт, ки вазъи имрӯзаи Афғонистон моро беташвиш гузошта наметавонад. Хусусан, ҳодисаҳои давомноки террористӣ, истеҳсол ва фурӯши маводи мухаддир аз ҷумлаи зуҳуроти номатлубе мебошанд, ки осудагию оромии ҷомеаи ҷаҳониро халалдор месозанд.

Масъалаи таъмини амният ва бехатарии минтақа ва давлатҳои аъзои СААД аз вазъияти дохилии Афғонистон вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров таклиф намуд, ки ин масъала мавриди омӯзиши ҳаматарафаи созмони мазкур қарор дода, баҳри ба эътидол овардани вазъи минтақа чораҳои мушаххас андешида шавад.

Дар ин нишаст ҳамчунин Котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳим Қаҳҳоров суханронӣ намуд.

Шоми 22 ноябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо Раиси палатаи поёнии Парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон Нурлан Нигматулин вохӯрӣ анҷом дод.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор дошт, ки байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Қазоқистон имконоти хеле зиёд ва фаровон барои тақвияти равобити байнипарлумонӣ вуҷуд дорад ва ба роҳ мондани рафтуомади намояндагони парлумонҳои Тоҷикистону Қазоқистон ба кишварҳои якдигар барои боз ҳам густариш пайдо кардани ин муносибот мусоидат карда, дар самти истифода аз таҷрибаи ҳамдигар ҷиҳати таҳия ва омода намудани қонун ва дигар санадҳо кӯмак хоҳад кард.

-Парлумонҳои ду кишвар дар таҳкими робитаҳои байниҳамдигарӣ нақши калидӣ доранд, - таъкид кард Шукурҷон Зуҳуров ва илова намуд, ки тақвият бахшидани ҳамкориҳои байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон шароити боз ҳам муносибтареро дар раванди густариши ин муносибот фароҳам хоҳад овард. Ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи муносиботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмӣ – техникӣ сурат гирифта, раванди рӯ ба инкишофро касб кардааст. Ин равобит дар рӯҳияи боварии байниҳамдигарӣ сурат мегирад, ки барои ҳар ду тараф манфиатбахш мебошад.

Дар мулоқот дар бораи ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ низ табодули назар шуд. Зикр гардид, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон санадҳои зиёди ҳамкорӣ ба имзо расидаанд, ки ин санадҳо заминаи таҳкими муносиботи гуногунсоҳаи байни Душанбе ва Остонаро ба вуҷуд овардаанд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки ҳайати парлумонии ҷумҳурии моро дар ин ҳамоиши бузург таконбахши ҳамкориҳои байни давлатҳои аъзои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил арзёбӣ намуда, ҳамзамон иброз дошт, ки дар ҳошияи ин нишаст, ҳамчунин мулоқоту вохӯриҳои роҳбарони ҳайатҳои парлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор мегарданд, ки дар ҷараёни ин дидору гуфтугӯҳо муҳимтарин масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Раиси Маҷлиси намояндагон таъкид кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Афғонистони ҳамсояи худ ҳамеша ҳамчун кишвари дӯсту бародар ва ҳамзабон боқӣ хоҳад монд.

-Тоҷикистон ҷонибдори барқарории сулҳу суботи комил дар Афғонистон буда, хостори пешрафтҳои ҷашмрас дар ин кишвари ҳамсоя ва ҳамзабони худ мебошад. Оромии Афғонистон оромии тамоми кишварҳои минтақа аст ва тараққиёти ин кишвар ба рушду нумуи давлатҳои минтақа низ таъсири мусбӣ хоҳад расонд. Мо ҷонибдори ҳалли осоиштаи масъалаи Афғонистон мебошем,- изҳор дошт дар анҷоми мулоқот Шукурҷон Зуҳуров.

Раиси палатаи поёнии Парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон ҷаноби Нурлан Нигматулин низ дар навбати худ хостори густариши ҳар чӣ бештари ҳамкориҳои байнипарлумонии кишварашон бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда, гуфт, ки яке аз ҳадафҳои асосии вохӯрии роҳбарони парлумонҳои Тоҷикистону Қазоқистон баррасии масъалаи тақвияти ҳамкориҳо дар тамоми самтҳо ба шумор меравад.

Нурлан Нигматулин ҳамчунин афзуд, ки 4 декабри соли ҷорӣ дар шаҳри Остона як суҳбати мизи мудаввар ба мавзуи Афғонистон бахшида мешавад, ки ҷониби Тоҷикистон ба он даъват карда мешавад. -Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қазоқистон дорои як идда муштаракоти фарҳангиву таърихӣ ва мазҳабӣ мебошанд ва ин муштаракот метавонад заминаи мусоидро барои тақвияти ҳамкориҳои дигар соҳаҳо ба вуҷуд орад, - гуфт мавсуф.

Ҷонибҳо ҳамчунин аз рушди ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳамкориҳои парлумонӣ, иқтисодию тиҷоратиро яке аз меҳварҳои асосии густариши муносибатҳои дуҷониба маънидод карданд.

Шоми ҳамон рӯз ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки раёсати баргузории онро Раиси Ассамблеяи мазкур, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко бар уҳда дошт. Аъзои Шӯро рӯзномаи онро тасдиқ намуда, 30 масъалаи дар он зикршударо баррасӣ ва қабул намуданд.

Ҳайати расмии парламентии Тоҷикистон таҳти сарварии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар ҷаласаи Шӯрои мазкур иштирок кард.

Дар ҷаласа раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, раиси Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Маҳмадалӣ Ватанов суханронӣ намуда, доир ба масъалаи истифодаи қонунҳои моделӣ, ки аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул гардидаанд, андешаҳояшро иброз дошт.

Рӯзи 23 ноябр Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ва ҳамроҳони ӯ дар ҷаласаи пленарии 38-уми Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок намуданд.

Раиси Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ Валентина Матвиенко дар маросими тантанавӣ ба қисми зиёди вакилон ва намояндагони парламентҳои давлатҳои аъзои Ассамблеяи байнипарлумонӣ ифтихорнома ва медалҳои рамзии ин мақоми олиро тақдим намуд. Аз ҷумла, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова бо медали нуқрагии ин созмони бонуфуз мукофотонида шуд. Ин падидаи нек аз он шаҳодат медиҳад, ки Маҷлиси намояндагон ҳамчун узви фаъоли ин созмон барои танзими қонунҳо ва ҳамоҳангсозии қонунҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил кори ниҳоят муҳим анҷом медиҳад.

Мавзуи асосии рӯзномаи ҷаласа «Густариши ҳамкориҳои кишварҳои аъзои ИДМ барои истифодаи муштараки ҳарими ҳавойи кайҳонӣ бо мақсадҳои сулҳомез» ба шумор мерафт, ки дар муҳокимаи он намояндагони сохторҳои дахлдори Федератсияи Россия, Украина ва Қазоқистон баромад намуданд. Ҳамчунин вобаста ба ин мавзӯъ дар назди ҳозирин узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадшо Илолов суханронӣ карда, диққати ҳозиринро ба имкониятҳои истифоданашудаи озмоишгоҳҳои астрономӣ ва астрофизикии воқеъ дар баландкӯҳҳои Тоҷикистон, ки пештар чун марказҳои хеле пешрафтаи ҳамкориҳои илмӣ маъруф буданд, ҷалб намуд.

Сипас, аз рӯйи масъалаҳои дигари рӯзнома - лоиҳаҳои қонунҳои моделӣ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Дар бораи фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқӣ» ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома дар бораи омодасозии санадҳои моделӣ ва тавсияҳои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил раиси Комиссия оид ба масъалаҳои ҳуқуқии созмони мазкур, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмадалӣ Ватанов баромад намуд. Зикр гардид, ки лоиҳаи қонуни моделӣ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои муаллифии моликони моликияти зеҳнӣ, ҷиҳати амалӣ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ин самт таҳия гардидааст. Дар шароити кунунӣ тараққиёти муносибатҳои иқтисодӣ, бахусус шиддат гирифтани рақобат дар бозори истеҳсолӣ, ҳуқуқҳои муаллиф бояд ҳифз карда шаванд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар доираи ин сафар ҳамчунин аз намоишгоҳи бахшида ба осори Чингиз Айтматов баргузоршуда боздид намуда, дар Конфронси байналмилалӣ таҳти унвони «Олами Чингиз Айтматов: ҳамгиройӣ ва гуфтугӯйи тамаддунҳо» ширкат варзид.

Дар конфронси байналмилалӣ намояндагони тамоми давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок доштанд.

Дар назди иштирокчиёни конфронс Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров суханронӣ намуда, аз ҷумла чунин гуфт:

- Боиси сарфарозии ман аст, ки ҳамаи шумо - иштирокдорони конфронси мазкурро, ки ба мавзуи «Олами Чингиз Айтматов: ҳамгиройӣ ва гуфтугӯйи тамаддунҳо» бахшида мешавад, аз самими қалб табрик мегӯям. Метавон гуфт, ки ворид намудани мавзуи мазкур ба рӯзномаи имрӯзаи конфронс ниҳоят муҳим ва тақозои замон аст. Аз ин ҷост, ки мо мулоқоти имрӯзаи худро ҳамчун рамзи саъю кӯшиши муштарак барои ҳамкории судбахш ва ташаккули маънавӣ арзёбӣ мекунем.

Мо дар доираи ҳамкориҳои башардӯстона ба воқеияти нав ва муносибатҳои тозаи соҳаи маориф, илм, фарҳанг, арзёбии нави мероси фарҳангӣ ва таърихӣ, соҳаи иртиботи оммавӣ, кор бо ҷавонон, густариши равобити варзишӣ ва туризм, андешидани тадбирҳои якҷоя оид ба такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таълимии маълумоти умумии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил асос хоҳем гузошт. Барои ҳамаи шаҳрвандони давлатҳои аъзои ИДМ маълум аст, ки маҳз ҳамин саъю талошҳо имрӯз моро бо ҳам муттаҳид сохтаанд.

Зиёда аз ин, ҳамкориҳои башардӯстона дар асоси тақвияти бахши иқтисодиёти давлатҳои аъзои ИДМ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳими ислоҳоти ҳақиқии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гардида истодааст. Ин иқдом ба таъмиқи ҳамгироии байни миллат ва халқиятҳои давлатҳои аъзои ИДМ, ҳифзи мероси умумии фарҳангӣ ва арзишҳои инсонӣ, инкишофи неруи инсонӣ, имконоти илмию маърифатӣ ва таъмини пешрафтҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Имконоти дар ин самт мавҷуда, бидуни шак, хеле зиёданд. Дар кишварҳои мо таҷрибаи ниҳоят бузург дар заминаи гуфтугӯ ва табодули байниҳамдигарӣ, дараҷаи болои ҳамгироии иқтисодӣ, марҳилаҳои дигаргунсозиҳои мамлакатҳоямон мавҷуд аст. Афкори баҳамойӣ, дӯстӣ ва ҳамкории зич на танҳо ҷавобгӯйи орзу ва ормонҳои халқҳои кишварҳоямон ҳастанд, балки ин омилҳо дар маҷрои рушди тамоюлоти ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор доранд.

Мо бояд дар заминаи ҳамгироии мутамаддини мардумони ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ дар асоси инсондӯстӣ, муносиботи мутақобила ва дарки ҳамаҷонибаи илмии тамоми равандҳо дар заминаи робитаҳои ногусастанӣ ва дар доираи табиати воқеии инсонӣ талош варзем.

Дар ин самт мо метавонем афкори ҳамойиши Исиккӯлро, ки соли 1986 бо ташаббуси нависандаи бузурги муосир Чингиз Айтматов баргузор шуда буд, ба таври возеҳ дарк намоем. Мо дар симои ин шахсияти камназир тамоми минтақаи Осиёи Миёна ва ҷаҳони АврОсиёро мебинем. Афкори вай аз он иборат буд, ки дар ҷаҳон бояд арзишҳои умумиинсонӣ пойдор бошанд.

Афкори нависанда: «Барои зистан ҳамзистӣ мебояд» дар замони мураккаби имрӯз аҳамияти бештар касб менамояд.

Тоҷикистон, ки дорои таърихи анъанаҳои зеҳнии бағоят гуногунранг аст, кӯшиш хоҳад кард, то саҳми худро ҷиҳати таҳкими ваҳдати маънавии ҳамаи халқҳо гузорад.

Ман мехоҳам суханони худро бо порчаи шеърӣе аз шоири машҳури тоҷик Мирзо Турсунзода, ки бо Чингиз Айтматов робитаи ниҳоят қавӣ ва дӯстона дошт, ба поён расонам:

***Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,***
***Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.***

Бо ҳамин сафари ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба поён расид.

***Хадамоти матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 21 декабри соли 2012 музоядаи №25-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда баргузор менамояд

| т/р | Мансубият | Тамға | Соли барориш | Рақами давлатӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ГАЗ-2705 | 2002 | 68-08 А 01 РТ | 7790 |
| | | ГАЗ-3102 | 2001 | 30-86 В 01 РТ | 7200 |
| 2 | Бахши Суғдии КВД оид ба фурӯши амволи давлатӣ | ГАЗ-31029 | 1997 | 00-84 А 02 РТ | 1700 |
| 3 | Стансияи давлатии навъсанҷии шаҳри Турсунзода | ВАЗ-212131 | 2004 | 86-89 А 01 РТ | 8200 |
| 4 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | РАФ-2203 | 1990 | 20-41 А 01 РТ | 2037 |
| 5 | | Москвич ИЖ- 2140 | 1960 | 20-35 А 01 РТ | 1000 |
| 6 | | ГАЗ-66 | 1971 | 08-82 ДВА | 3000 |
| 7 | | ГАЗ-2401 | 1965 | 20-37 А 01 РТ | 1200 |
| 8 | | ГАЗ-2401 | 1975 | 20-38 А 01 РТ | 1929 |
| 9 | | ГАЗ-2401 | 1971 | 20-39 А 01 РТ | 1500 |
| 10 | | ГАЗ-2401 | 1976 | 20-40 А 01 РТ | 2000 |
| 11 | | ЗИЛ-130 | 1962 | 64-03 А 01 РТ | 1500 |
| 12 | | Москвич ИЖ-412 | 1974 | 09-30 В 01 РТ | 1000 |
| 13 | | Москвич ИЖ-412 | 1960 | 29-16 В 01 РТ | 1000 |
| 14 | | ГАЗ-52 | 1964 | 54-04 ДБЛ | 1156 |
| 15 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | КамАЗ -5320 | 1982 | 058 ка 01 РТ | 8757 |
| 16 | | КамАЗ -5311 | 1987 | 056 ка 01 РТ | 9315 |
| 17 | | КамАЗ -53212 | 1997 | 024 ка 01 РТ | 13593 |
| 18 | | КамАЗ -5320 | 1998 | 028 ка 01 РТ | 10779 |
| 19 | | КамАаЗ -5320 | 1986 | 046 ка 01 РТ | 9011 |
| 20 | | КамАЗ -5320 | 1982 | 054 ка 01 РТ | 8710 |
| 21 | | УАЗ-31512 | 1994 | 47-41 А 01 РТ | 1000 |
| 22 | | ВАЗ-21010 | 1997 | 012 ка 01 РТ | 2240 |
| 23 | | Дамас | 1996 | 036 ка 01 РТ | 3000 |
| 24 | | ГАЗ-3102 | 1998 | 66-32 А 01 РТ | 2530 |
| 25 | | ГАЗ-31029 | 1996 | 067 ка 01 РТ | 2000 |
| 26 | | Трактор МТЗ-80 | 1986 | 69-29 ТХ | 3900 |
| 27 | | Трактор МТЗ-80 | 1986 | 69-31 ТХ | 3900 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## 21 декабря 2012 года проводит аукцион №25 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении

| п/н | Принадлежность | Марка | Год выпуска | Гос.номер | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Управление государственной службы при Президенте Республики Таджикистан | ГАЗ-2705 | 2002 | 68-08 А 01 РТ | 7790 |
| | | ГАЗ-3102 | 2001 | 30-86 В 01 РТ | 7200 |
| 2 | Согдийский филиал ГУП по продаже госимущества | ГАЗ-31029 | 1997 | 00-84 А 02 РТ | 1700 |
| 3 | Государственная сортоиспытательная станция г. Турсунзаде | ВАЗ-212131 | 2004 | 86-89 А 01 РТ | 8200 |
| 4 | Таджикский технический университет им. академик М.Осими | РАФ-2203 | 1990 | 20-41 А 01 РТ | 2037 |
| 5 | | Москвич ИЖ- 2140 | 1960 | 20-35 А 01 РТ | 1000 |
| 6 | | ГАЗ-66 | 1971 | 08-82 ДВА | 3000 |
| 7 | | ГАЗ-2401 | 1965 | 20-37 А 01 РТ | 1200 |
| 8 | | ГАЗ-2401 | 1975 | 20-38 А 01 РТ | 1929 |
| 9 | | ГАЗ-2401 | 1971 | 20-39 А 01 РТ | 1500 |
| 10 | | ГАЗ-2401 | 1976 | 20-40 А 01 РТ | 2000 |
| 11 | | ЗИЛ-130 | 1962 | 64-03 А 01 РТ | 1500 |
| 12 | | Москвич ИЖ- 412 | 1974 | 09-30 В 01 РТ | 1000 |
| 13 | | Москвич ИЖ- 412 | 1960 | 29-16 В 01РТ | 1000 |
| 14 | | ГАЗ-52 | 1964 | 54-04 ДБЛ | 1156 |
| 15 | Агентство по обеспечению специмущества при Правительстве Республики Таджикистан | КамАЗ-5320 | 1982 | 058 ка 01 РТ | 8757 |
| 16 | | КамАЗ-5311 | 1987 | 056 ка 01 РТ | 9315 |
| 17 | | КамАЗ-53212 | 1997 | 024 ка 01 РТ | 13593 |
| 18 | | КамАЗ-5320 | 1998 | 028 ка 01 РТ | 10779 |
| 19 | | КамАЗ-5320 | 1986 | 046 ка 01 РТ | 9011 |
| 20 | | КамАЗ-5320 | 1982 | 054 ка 01 РТ | 8710 |
| 21 | | УАЗ-31512 | 1994 | 47-41 А 01 РТ | 1000 |
| 22 | | ВАЗ-21010 | 1997 | 012 ка 01 РТ | 2240 |
| 23 | | Дамас | 1996 | 036 ка 01 РТ | 3000 |
| 24 | | ГАЗ-3102 | 1998 | 66-32 А 01 РТ | 2530 |
| 25 | | ГАЗ-31029 | 1996 | 067 ка 01 РТ | 2000 |
| 26 | | Трактор МТЗ-80 | 1986 | 69-29 ТХ | 3900 |
| 27 | | Трактор МТЗ-80 | 1986 | 69-31 ТХ | 3900 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Метод проведения: **английский.**

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ.

В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можно получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 223-11-80, 221-47-03) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3319/1-1597 | Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 21.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3320/1-1598 | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 11 | 21.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3321/1-1599 | Дастгоҳи марказии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 15 | 21.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3322/1-1600 | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 33 | 21.12.2012 соати $10^{30}$ |
| 3323/1-1601 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 23 | 21.12.2012 соати $11^{00}$ |
| 3324/1-1602 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ | сомонӣ | 166949 | 14.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3325/1-1603 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 200000 | 14.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3326/1-1604 | Муассисаи нақлиётии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 14.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3327/1-1605 | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 25 | 21.12.2012 соати $11^{30}$ |
| 3328/2-896 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Нони қолабӣ (хлеб) 500 гр | дона | 50000 | 21.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3329/3-771 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони айвонча | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3330/3-772 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Тайёр намудани китобҳо, лифофаҳо ва бланкҳо | тибқи замима | | 21.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3331/1-1606 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 41 | 10.12.2012 соати $14^{00}$ |
| 3332/1-1607 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 31 | 10.12.2012 соати $14^{30}$ |
| 3333/1-1608 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгуй | 16 | 10.12.2012 соати $15^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №3281/1-1570, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 26 ноябри соли 2012 таҳти №146 (2973) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 17 декабри соли 2012, 10 декабри соли 2012 хонда шавад.

***

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №3299/3-765, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» санаи 26 ноябри соли 2012 таҳти №146 (2973) нашр шудааст, рақами ДИО №3289/3-765 хонда шавад.

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

Комиссияи озмунии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмун ҷиҳати иҷрои хариди моҳичаҳои хушзот аз дохили ҷумҳурӣ, ки дар як давра гузаронида мешавад, даъват менамояд:

| т/р | Номгуй | Воҳиди ченак | Миқдор |
|---|---|---|---|
| 1 | Зағорамоҳӣ | дона | 100000 |
| 2 | Пешонапаҳни сафед | дона | 150000 |
| 3 | Амури сафед | дона | 122700 |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ ва маълумоти иловагӣ оид ба озмун метавонанд ба нишонии: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, ошёнаи якум, бинои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намоянд. Телефон барои тамос: 227-24-93, 221-87-59

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои лозимаро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба нишонии дар боло зикршуда то соати $10^{00}$ 10 декабри соли 2012 пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳоди озмунӣ аз ҷониби комиссияи озмунӣ соати $10^{00}$ 10 декабри соли 2012 кушода мешаванд. Намояндагони довталаб метавонанд, ки дар ин озмун иштирок намоянд.

## ТАСҲЕҲ

Дар эълони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тендери сармоягузории №3/1 Т («Садои мардум» № 140-141 (2967-2968) аз 17 ноябри соли 2012) дар варианти бо забони русӣ нашршуда, дар ҷадвали №1, сутуни 2 ба ҷойи ОАО «Файзбахш» ОАО «Панҷакентсоз» хонда шавад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

♦Шаҳрванд Мирзоева Раъно Давлатовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0052273 бо РЯМ 0930018375 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 июли соли 2008 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Назарова Ҷамила Қиёмовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0229030 бо РЯМ 0130059435 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 9 марти соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Назаров Сафаралӣ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0148814 бо РЯМ 1530011157 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 13 апрели соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Иброҳимов Баҳодур Дилмуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0047998 бо РЯМ 405342503 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 18 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Раҷабов Худойназар, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0042081 бо РЯМ 4030009317 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 18 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Низами Алберт, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0009421 бо РЯМ 0330002182 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 2 апрели соли 2008 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Раҷабов Нуралӣ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0233411 бо РЯМ 0930063393 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 10 майи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Хайруллоева Шоҳина, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0097214 бо РЯМ 1530007564 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 13 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Оев Насриддин, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0097129 бо РЯМ 1530006725 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 30 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Додохонов Минавар Имомхонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0178945 бо РЯМ 0430091503 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 8 августи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Солихов Ҳусейн Раҳимович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0207240 бо РЯМ 4030041098 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон 12 октябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Каримов Карим Табарович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0046006 бо РЯМ 1530003219 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 5 феврали соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Давлатов Умедҷон, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0226058 бо РЯМ 0230035832 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 1 июни соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

♦Шаҳрванд Мақсудов Давлатҷон, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0330030214 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 11 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба муовини котиби масъули рӯзнома Аброр Ҷабборов бинобар даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ва собиқадорони рӯзнома аз вафоти собиқ муовини сармуҳаррири рӯзнома

**ДОДОҶОН РАҶАБӢ**

андӯҳгин буда, ба аҳли хонаводаи марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

♦Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0105696 бо РЯМ 0930036159 -и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 августи соли 2010 ба Бобокалонов Абдуҳомид додааст, эътибор надорад.

♦Дипломи Щ 1 №189569-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе соли 1985 ба Абдукаримова Соҷида Набиевна додааст, эътибор надорад.

♦Дафтарчаи имтиҳонии №05/163-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2005 ба Саидов Эмомалӣ Бозорович додааст, эътибор надорад.

♦Шаҳодатномаи бақайдгирии таҳти №2870-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ, бо суроғаи маҳаллаи К.Маркс (ҳозира Чил-Меҳроб) соли 1987 ба Эшонқулов Ҳасанбой додааст, эътибор надорад.

♦Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи 24Д-224-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи хиёбони Рӯдакӣ 91, шаҳри Душанбе 4 октябри соли 2006 ба Алимова Мавҷигул Каримовна додааст, эътибор надорад.

♦Патенти № 0172161 бо РЯМ 5230008612-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Айнӣ 29 сентябри соли 2011 ба Одинаев Норқул Устоевич додааст, эътибор надорад.

♦Патенти №0105505 бо РЯМ 930034454-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 июли соли 2010 ба Маҳмадалиев Шералӣ додааст, эътибор надорад.

♦Дипломи ТТ №310756-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (собиқ Донишкадаи педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко) соли 1984 ба Джобиров Самандар Шокирович додааст, эътибор надорад.

♦Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №2К-842-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ) 30 декабри соли 2000 ба Раҳматова Зеккама Нематуллоевна додааст, эътибор надорад.

♦Дафтарчаи имтиҳонии №48-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2005 ба Чупонов Асliддин Раҳмонқулович додааст, эътибор надорад.

♦Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи АБ № 088554-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи №22-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2000 ба Соҳибназаров Муҳаммад Раҳматуллоевич додааст, эътибор надорад.

♦Дафтарчаи имтиҳонии №159/08-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2008 ба Расулов Фаридун додааст, эътибор надорад.

♦Шиносномаи шаҳрвандии А №4765747-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Рӯдакӣ 2 октябри соли 2007 ба Файзиддини Мардон додааст, эътибор надорад.

♦Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариали давлатии шаҳри Турсунзода таҳти №5-Д-1152 санаи 26 декабри соли 2002 ба сокини шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 1, бинои 15, ҳуҷраи 54 Халилова Гулсара Бобоевна додааст, эътибор надорад.

♦Дафтарчаи имтиҳонии №353/2010-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2010 ба Қувватов Анушервон Амируллоевич додааст, эътибор надорад.

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 30 ноябри соли 2012, соати 12.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха

Навбатдори шумора А. Мӯсоев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова